# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзӯи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Мавзуи мазкур дар системаи таҳсилоти олӣ раванди аз нав ташкилкунонии самтҳои асосии рушди маориф ба хусус, муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро муайян месозад. Якум ин албатта дигаргуншавии усули интихоби мазмун ва мундариҷаи таълим, яъне хусусиятҳои он аст, ки таълим дар ин ҷо бояд рушди шахсиятро дар самти эъҷодкорӣ таъмин намояд, дуюм ин дар системаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тарзҳо ва усулҳои самарабахши таълим барои амалӣ намудани фаъолияти пурсамари донишҷӯён ёрии амалӣ мерасонад. Барои мутахассис зеҳни рушдёфта, малакаҳои истифодабарии донишҳои азхудкардашуда дар ҳолатҳои гуногун, ҳалли эҷодии вазифаҳои гузошташуда зарур мебошанд. Дар алоқамандӣ ба ин нақши муассисаҳои гуногуни таълимӣ (аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) дар ташаккули қобилияти эҷодӣ, дарки фаъол ва мустақил будан баланд мегардад.

Дар автореферат омадааст, ки имрӯз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳо ва усули гуногуни таълими фанни химияро ба роҳ монда, корӣ ва мусбат дар гузаронидани дарсҳо ҷамъоварӣ шудааст. Аммо системаи шаклҳои гузаронидани дарсҳои таълимӣ вобаста ба талаботи муосири ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ дар омода намудани омӯзгорони фанҳои химия ва биология, мувофиқат намекунад. Камбудии асосии дарсҳои таълимӣ мақсад гузоштан ва ташкили нокифояи фаъолияти таҳқиқотӣ ва эҷодии мустақил мебошад. Дар омода намудани мутахассисони оянда дар шароити муосир ташаккули малакаҳои мустақилона аз худ намудани донишҳо дар фазои зудтағирёбандаи воқеӣ ва имконоти имрӯзаи мо нақши асосиро мебозад.

Муҳаққиқ қайд намудааст, к ибо назардошти равияҳои нави такмил ва азнавсозии муҳтавои соҳаи маориф тақозои замон аст, ки дигар зарурати тағйироти мунтазамро дар соҳаи мазкур исбот менамояд. Дар ин маврид омӯзгорон маводи таълим ва ташкилкунандагони ҷараёни таълим набуда, ташкилкунандагони ҷараёни таълим мегарданд, ки дар он донишҷӯён набояд қабулкунандагони ғайрифаъоли маълумоти тайёр бошанд, балки дар иҷрои вазифаҳо ва ҳалли масъалаҳо мустақилияти бештар зоҳир намоянд.

Шиносой бо автореферат нишон медиҳад, ки муҳақиқ Бобоев Б.Ҷ. кӯшиш намудааст, ки муайян ва асоснок кардани феҳристи шароитҳои педагогӣ доир ба ташаккулёбии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқу баррасӣ намояд.

Бояд қайд кард, ки дар кори мазкур аз сарчашмаҳои маълумот осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ ҳамчун сарчашмаи асосӣ бахшида ба масъалаҳои фаъолияти рушди таълимӣ-маърифатии донишҷӯён; рисолаҳо, асарҳо, мақолаҳо ва дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бахшида ба рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён; сарчашмаҳои адабиёти гуногуни илмӣ-методӣ, фалсафӣ, психологию педагогӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо; таҷдиди системаи ақидаҳои педагогии мутафаккирони гузаштаву муосир ва ҷамъи санадҳои ба даст омада.

Муҳаққиқ дар кори илмии худ аз вазифаҳои зиёди таҳқиқотӣ дар асоси мақсади таҳқиқот ва фарзияи вай вазифаҳои зерин ҳал гардидаанд: омӯзиши адабиёти методӣ, психологӣ-педагогӣ ва фалсафӣ, муайян кардани мушкилоти рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; коркарди сатҳи воқеъии ташаккулёбии фаъолияти маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология; санҷиши озмоишии муваффақона истифода бурдани феҳристи шароити педагогие, ки ба рушди фаъолияти мустақилу маърифатнокӣ метавонанд таъсир расонад.

Аз таҳлили маводҳои нашршуда, ки 17 адад интишороти маллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 ададро дастурҳои таълимӣ, 7-ададро мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ банашррасида, 5-адади боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида, маводи конференсияҳои илмии байналмиллалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ ташкил додааст чунин бармеояд, ки Бобоев Б.Ҷ. дар ҳамаи марҳилаҳои кори таҳқиқотӣ дар баробари иҷрои кори диссертатсионӣ дар конфронсу дигар чорабиниҳои илмӣ-методӣ ширкат варзида, дар пешрафти назария ва амалияи низоми таҳсилоти кредитӣ ҳиссагузорӣ намудааст.

Нуқтаҳо ва хулосаҳои автореферат бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Аз ин лиҳоз кори илмӣ-таҳқиқотии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида ҳисобида шуда он ҷавобгӯй ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич

барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент
мудири кафедраи технологияи
иттилоотӣ ва методикаи таълими
информатикаи Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба носи Носири Хусрав Файзализода Баҳрулло Файзалӣ

Имзои Файзализода Б.Ф.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

**Маълумот барои тамос:**
**735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ,67.**
**Телефон: (+992 3222) 2-54-81, 2-22-53.**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**
**Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj**

03.09.2022